«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, д.и.и., профессор, академики АИКТ
_______________ Пиризода Ҷ.С.
«_28_» _____03_____ с. 2024

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳия шудааст. Диссертатсия ба бандҳои 9, 16, 24 ва 25-и Шиносномаи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Комплекси агросаноатӣ яке аз соҳаҳои муҳим дар иқтисодиёти ҷумҳурии мо ба ҳисоб рафта, ташаккул ва рушди оянда он аз ду соҳаи асосӣ кишоварзӣ ва саноат вобастагии зиёд дорад. Аз ин лиҳоз, қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамгироии байни ин соҳаҳо тавассути корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ амалӣ мегардад. Ҳамчунин яке аз ҳадафҳои асосии КАС, ин бо маҳсулоти озуқаворӣи худӣ таъмин кардани аҳолии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ аз зеркомплексҳои агросаноатии ғаллаю ордкашӣ, сабзавоту консервакунонии маҳсулоти он, зеркомплекси ширу маҳсулоти ширӣ, зеркомплекси гӯшту маҳсулоти гӯштӣ, зеркомплекси боғдорию ангурпарварӣ ва коркарди саноатии маҳсулоти онҳо, корхонаҳои равғанбарорӣ ва амсоли инҳоро ташкил медиҳанд. Дуруст ба роҳ мондани истеҳсолоти кишоварзӣ таъмини ҳамгироии он бо корхонаҳои саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти сифатнок аз

хуб фаъолият намудани механизми иқтисодӣ ва ташкилии он вобаста мебошад. Қобили қайд аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои соҳибистиқлолӣ барои рушди босуботи комплекси агросаноатӣ аз тамоми фишангҳо ва имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, дар ин самт ба натиҷаҳои назаррас низ ноил гардида истодааст. Яъне идоракунию танзими давлатии комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ҳама вақт дар мадди назари Ҳукумати кишвар қарор дошт ва дорад. Барқароркунии истеҳсолоти кишоварзию агросаноатӣ қабулу амали гардонидани стратегияҳо, консепсияҳо, қонунҳо ва барномаҳои рушди соҳавӣ, амалигардонии даҳҳо лоиҳаҳо бо сармоягузориҳои давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд далели воқеии муваффақиятҳо ва кӯшишҳои Ҳукумати кишвар дар ин самт мебошанд.

Муҳиммияти ташаккул ва рушду рақобатпазирии корхонаҳои комплекси агросноатӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар буриши минтақаҳои он яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷанбаи назариявӣ, идоракунию ташкилӣ ва амалидошта мебошад, ки таҳқиқу омӯзишҳоро аз равзанаи коркарди моделҳои инноватсионии идоракунӣ тақозо дорад. Аз ин рӯ, ҳалли мушкилоти зикргардида ба ташаккул ва рушди комплекси агросаноатӣ ва ҳадафу вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ дарояндаи наздик мувофиқат намуда, муҳиммият ва аҳамияти амалии мавзуи таҳқиқотро муайян мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз таҳлили диссертатсия бармеояд, ки муаллиф ҳадафи таҳқиқотро муқаррар ва барои ба ҳадаф расидан вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд. Мавриди зикр аст, ки навгониҳои зикршуда дар ҳақиқат дар рисолаи илмӣ дарҷ гардидаанд ва аз таҳлилу таҳқиқ ва натиҷагириҳои муаллифи рисола бармеоянд. Натиҷаҳои зеринро ҳамчун унсури навгонии илмидошта нишон додан мумкин аст:

1) Унвонҷӯ дар асоси гузаронидани таҳқиқот оиди ҷанбаҳои назариявию услубии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти нуқтаи назари олимони ватанию хориҷӣ таърифи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро бо чунин мазмун пешниҳод намудааст: "Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ - ин маҷмуи ҷараёнҳои ташкилӣ ва истеҳсолию иқтисодие мебошанд, ки дар натиҷаи онҳо истеҳсолот ва муносибатҳои истеҳсолию иқтисодӣ вобаста ба табдил додани маҳсулоти кишоварзӣ ба маҳсулоти тайёри истеъмолӣ, аз ҷумла озуқаворӣ дар заминаи коркарди саноатии он ба вуҷуд меоянд, ки амалигардии ин раванд тақозо ба захираҳои молиявӣ,

кадрӣ ва сармоягузориро дорад." Дар баробари ин, нуқтаи назари олимоне, ки ба шароити муосири иқтисодиёти кишвар мувофиқ буда, истифодаи онҳо самаранокии фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатиро таъмин мекунад, муайян карда шудааст;

2) Нуқтаи назари дигаре, ки аз ҷониби муаллиф асоснок гардидааст, ин хусусиятҳои хос ва таъсирасонии омилҳои ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ буда, онҳо дар асоси таҳқиқу омӯзиши назария ва усулҳои илмӣ ошкор гардида, дар ин асос роҳҳо ва усулҳои дар амал татбиқ намудани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти таъсири хусусияту омилҳои номбурда, пешниҳод гардидаанд ва онҳо қобили дастгирӣ мебошанд;

3) Ба мақсади баҳодиҳӣ намудани вазъи соҳаи мазкур унвонҷӯ таҷрибаи кишварҳои хориҷиро дар самти фаъолияти корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таҳқиқ намуда, механизми ташаккул ва рушди чунин корхонаҳоро асоснок сохта, амалисозии таҷрибаи баъзе кишварҳои ҷаҳонро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст, ки метавонад самаранокии фаъолияти корхонаҳои соҳаро таъмин намояд;

4) Барои арзёбии вазъи воқеии соҳа ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани заминаҳо ва марҳилаҳои ташаккулу рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон нишондиҳандаҳои бадастомада баҳогузорӣ гардида, зарурати ташаккул ва рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ асоснок шудааст;

5) Зимни таҳлилҳо аз ҷониби унвонҷӯ самтҳои асосӣ ва роҳҳои ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию амалӣ муайян карда шудаанд, ки фарогири дастгирии давлатӣ, рушди инноватсионӣ, дарёфти сарчашмаҳои молиявӣ ва таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд ва дар матни диссертатсия ба таври мушаххас баён гардидаанд;

6) Қисмати муҳими таҳқиқотро тавсия ва пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда оид ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта ташкил медиҳад, ки онҳо бо назардошти таҷрибаи хориҷӣ коркард шудаанд. Аз ҷумла сабабҳои камчинии маблағ ва роҳҳои дарёфти сарчашмаҳои молиявии сармоягузории саноатикунонии босуръат дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон муайян ва баҳогузорӣ карда шуданд.

Қобили қайд аст, ки зимни таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллифи он ба натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ муваффақ шудааст ва онҳоро ҳамчун нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаррифӣ намудааст, ки муҳимтарини онҳо дар матни диссертатсия ва автореферати он оварда шудаанд ва чунин мазмун доранд:

- дар сатҳи аввал ҳамчун нуқтаи ба ҳимоя пешниҳодшаванда асосноксозии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ дар заминаи таҳқиқоти назариявию услубӣ қарор дорад;
- нуқтаи дуввуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда- хусусиятҳо ва омилҳои ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирбахш ва ошкорсозию асоснокгардонии ҷанбаҳои мусбию манфии онҳо махсуб меёбад;
- таҷрибаи кишварҳои хориҷии дорои сектори аграрии рушдкарда таҳқиқ ва ҷанбаҳои барои кишоварзии ҷумҳурӣ ва манотиқи он самаранок тавсия шудаанд, ки ҳамчун нуқтаи навбатии ба ҳимоя пешниҳодшаванда баромад мекунад;
- дар рисола аз ҷониби муаллиф баҳодиҳии вазъи воқеии нерӯи истеҳсоли ашёи хоми кишоварзӣ ва иқтидорҳои соҳаи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ ва минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон арзёбӣ гардидааст, ки тавассути нишондодҳои он самаранокии ташаккул ва рушди корхонаҳои соҳаи мазкур мушаххас ва муайян карда шудааст;
- унвонҷӯ самтҳою роҳҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро дар сатҳи кишвар ва минтақаи агросаноатии мавриди таҳқиқ асоснок ва муайян намудааст, ки ҳамчун нуқтаи ба ҳимоя пешниҳодшаванда муқаррар гардидааст;
- дар диссертатсия таъмини сармоягузориҳо, ҷустуҷӯи сарчашмаҳои молиякунонӣ, истифода ва сафарбарнамоии онҳо барои ташаккули босуръат ва рушди босуботи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ ва минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон пешниҳод гардидааст, ки қобили дастгирӣ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Аз шиносоӣ бо муҳтавои ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Намозализода Шафқат Намозалӣ бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Мавзуъ ва ихтисоси довталаби дараҷаи илмии унвонҷӯ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва коркарди проблемаҳои илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Аз таҳлили кори илмӣ бармеояд, ки давраҳои иҷрои кори диссертатсионӣ, бахусус интихоби мавзуъ, муайянкунии мубрамии он, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳаммияти назариявию амалии он бевосита аз ҷониби диссертантт таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи диссертатсия дар таҷрибаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи агросаноатии Кӯлоб барои истифода пешниҳод шудаанд ва ҳамчунин маводи диссертатсия ҳангоми таълими фанҳои "Иқтисодиёти минтақавӣ", "Молияи минтақавӣ" ва "Молияи корхонаҳо" мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар тақвияти ҷанбаҳои назариявию услубии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии Кӯлоб ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба такмили механизми рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии мавриди таҳқиқ арзёбӣ карда шаванд. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф таҳқиқоти мавҷударо дар ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ пурра сохта, метавонанд барои рушди зерсоҳаҳои комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои он истифода шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои бадастовардаи диссертантро корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва мақомоти идораи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ метавонанд ҳангоми асоснокkунии самтҳои рушди комплекси агросаноатӣ ва корхонаҳои он дар ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон истифода баранд.

Самтҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои давоми солҳои 2018-2023 баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, баҳои мусбӣ гирифтаанд. Натиҷаҳои муҳими бадастомада ба Вазорати саноат ва технологияи нав, Вазорати кишоварзӣ ва корхонаҳои дар ин самт фаъолияткунанда пешниҳод карда шудаанд, ки оиди амалӣ шудани нуқтаҳои алоҳидаи он санадҳои зарурӣ мавҷуд ҳастанд.

**Мазмуни кори диссертатсионӣ**

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуъ асоснок шуда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот муайян гардида, мақсад ва вазифаҳои кори илмӣ таҳия ва навгониҳои илмии он кушода шудаанд.

**Дар боби якум** «Асосҳои назариявию услубии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ» таҳқиқи назариявию услубии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (С.13-27), хусусиятҳо ва омилҳои ба ин раванд таъсирбахш (С.28-47), омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (С.47-72) баррасӣ гардидаанд. Нуктаҳои ҷолибтарини ин боб инҳо мебошанд: таснифоти сохтор ва таркиби саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти омӯзиши асарҳои олимони ватанию хориҷӣ ва пешниҳоди шаклҳои омехтаи рушди корхонаҳои агросаноатӣ (расми 1., саҳ. 15); дар асоси таҳқиқи назарияҳои олимони ватанию хориҷӣ ва таҷрибаи амалии андӯхтаи муаллиф аз фаъолияти корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурӣ ва шиносоӣ бо сохтори он мафҳуми коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро шарҳ додааст (саҳ. 25), инчунин дар заминаи таҳқиқу таҳлилҳо хусусиятҳо ва омилҳои ба ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирбахшро дар ҷумҳурӣ бо фарогирии 10 хусусият (расми 1.3., саҳ. 32) пешниҳод намуда, омилҳои ба ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирбахшро дар шакли накшавӣ пешниҳод намудааст, (расми 1.4., саҳ. 45).

Муаллиф, ҳамчунин зимни омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар маноатиқи деҳот ва имконоти истифодаи онҳоро дар КАС-и ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, як қатор пешниҳодҳо намудааст, ки ба мақсад мувофиқ арзёбӣ мегарданд. Дар ин замина диссертант қайд кардааст, ки таҷрибаи мамолики рушдкардаро нусхабардорӣ карда, барои рушди иқтисодию иҷтимоии маҳалли деҳоти кишвар истифода намудан мувофиқи мақсад нест. Вале ҷанбаҳои хуби ин таҷрибаҳоро омӯхта, бо хусусиятҳо ва шароитҳои истеҳсолоти аграрии ҷумҳурӣ ва комплекси агросаноатии он қиёс намуда, сипас мавриди истифода қарор додан лозим аст, (С.47-72).

**Дар боби дуюм "Арзёбии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ"** баррасӣ гардида, он фарогири таҳлили вазъи кунунии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон (С.73-88) ва баҳодиҳии тамоюлҳои инкишофу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мебошад, (С.88-111).

Муаллиф дар бобу зербобҳои он нишондиҳандаҳои асосии рушди кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2021 аз ҷумла масоҳати замнҳои кишоварзии вилояти Хатлон ва минтақаи Кӯлоб

(ҷадвали 2.1., саҳ. 76), ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар вилояти Хатлон (ҷадвали 2.2., саҳ.77), истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводории вилояти Хатлон (ҷадвали 2.4., саҳ.79), шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон (диаграммаи 2.1., саҳ. 80), шумораи техникаҳои кишоварзӣ (диаграммаи 2.5., саҳ.81), ҳаҷми коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар буриши минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 2.6., саҳ. 82), тамоюли истеҳсоли маҳсулотҳои асосӣ дар корхонаҳои саноати коркард (ҷадвали 2.7., саҳ. 83), нишондиҳандаҳои умумииқтисодии минтақаи агросаноатии вилояти Хатлон (ҷадвали 2.9., саҳ. 86), ҳамчунин майдони заминҳои кишти зироатҳо дар ҳама шаклҳои хоҷагтдории минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (ҷадвали 2.10., саҳ. 92), ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон (ҷадвали 2.11., саҳ. 93), ҳаҷми маҳсулоти соҳаи растанипарварии минтақа дар солҳои 2017-2021 (ҷадвали 2.12., саҳ.94), истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон (ҷадвали 2.15., саҳ.97), шумораи корхонаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурӣ ва минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (ҷадвали 2.16., саҳ.98), ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти коркардшуда дар минтақаи Кӯлоб (ҷадвали 2.17., саҳ. 98), баҳодиҳии вазъи кунунии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар мисоли ҶСП “Комбинати шири Кӯлоб” (ҷадвали 2.19., саҳ.99), таҳлили фаъолияти ҶСК “Суғдиён орди ш. Кӯлоб” (ҷадвали 2.20., саҳ. 100)-ро мавриди таҳлилу натиҷагирӣ қарор додааст.

**Дар боби сеюм** “Самтҳо ва роҳҳои ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ” мавриди арзёбӣ гирифтааст, ки дар он дастгирии давлатии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ, (С.112-130), рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (С.130-144), ва таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоб (С.145-162), баррасӣ гардидааст.

Нуктаҳои муҳимтарини зербоби 3.1 диссертатсия фишангҳои танзиму дастгирии давлатии рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (расми 3.1., саҳ.115), дастгирии буҷетии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ барои давраи солҳои 2017-2021 (ҷадвали 3.1., саҳ.116), дастгирии давлатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои давраи солҳои 2017-2021 (ҷадвали 3.2., саҳ.117), имтиёзҳои андозӣ ба соҳаи кишоварзӣ

(диаграммаи 3.1., с.128), имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳои кшоварзӣ (диаграммаи 3.2., саҳ.128), маҳсуб меёбанд.

Ҳамчунин, аз таҳлили зербоби 3.2 диссертатсия бармеояд, ки муаллиф унсурҳои асосии рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди маҳсулоти таҳия намуда қайд кардааст, ки дар шароити рушди босуръати техникаю технология ва афзоиши талабот ба маҳсулоти босифати инноватсионӣ, ҳар як корхонаро зарур аст, ки тадбиқи унсурҳои асосии рушди инноватсиониро дар сатҳи корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ монад, (расми 3.2., саҳ. 131). Дар диссертатсия самранокии фаъолияти инноватсионии чанде аз корхонаҳои номбурда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, таҷрибаи илмию амалии онҳо оид ба масъалаи мазкур муҳим арзёбӣ мегардад. ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил"- и ноҳияи Данғара низ аз ҷумлаи чунин корхонаҳо маҳсуб меёбад, ки имрӯз дар шароити иқтисодиёти кишвар бо технологияи инноватсионӣ кор мекунад ва дар 5 соли охир фаъолияти самаранок дошта фаъолияти он аз ҷаниби муаллиф мавриди арзёбӣ қарор дода шудааст, (ҷадвали 3.3., саҳ.138), ҳамчунин, алгоритми афзалиятҳои ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (расми 3.3., саҳ. 143) таҳия гардидааст.

Муаллиф дар зербоби 3.3 дар заминаи таҳлилҳо муайян менамояд, ки рушди босуботи корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ аз таъмини захираҳои молиявӣ ва сармоягузории онҳо вобастагии зиёд дорад. Дар ин замина ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷиро дар соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди арзёбӣ қарор додааст (диаграммаи 3.3., саҳ.147). Инчунин, вазъи сармоягузориҳоро дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон давоми солҳои 2017-2021 таҳлили амиқ намудааст (ҷадвали 3.4., саҳ. 149) ва бо мақсади муайян намудани самаранокии сармоягузорӣ таҳлили самаранокии фаъолияти корхонаи коркарди меваю сабзавот ва истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикани "Заркорон", н. Мӯъминободро анҷом додааст (ҷадвали 3.5., саҳ. 156) дар хотимаи ин зербоб дурнамои суръати рушди коркарди маҳсулоти кишоварзиро дар вилояти Хатлон ва минтақаи Кӯлоб барои солҳои 2025-2030 дар (ҷадвали 3.7., саҳ.160) таҳия намудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёт, ҷамъ 188 саҳифаро фаро гирифта, аз 8 расм, 6 диаграмма ва 29 ҷадвал иборат мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ.** Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 12 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) такризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромадаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.** Диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

**Мутобиқатии автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсияи илмӣ.** Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, корҳои интишоркардаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардидаро дар худ users инъикос мекунад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1) Диссертант ба ақидаҳои илмии олимони рус аҳаммияти бештар дода, аммо дар айни замон ба ақидаи олимони мамолики Ғарб оид ба мавзуи таҳқиқот камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

2) Таҷрибаи Ҷумҳурии Узбекистон оид ба ташаккул ва рушди корхонаҳои саноатии коркарди махсулоти кишоварзӣ айни замон афзалтар аст, зеро дар он ҷо кластерҳо зиёд ташкил ёфтаанд. Хуб мешуд,ки муаллиф аз таҷрибаи ин давлат дар диссертатсия истифода менамуд.

3) Дар боби якум хусусиятҳои минтақавии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ хеле хуб таҳқиқ шудааст,

вале ба зерсохторҳои КАС ва хусусиятҳои ташаккули онҳо ва таъсири онҳо ба рушди ККСМК диққат камтар дода шудааст.

4) Дар боби сеюм чӣ гуна ба роҳ монда шудани механизм ва инструментҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба таври маукаммал нишон дода нашудааст. Хуб мешуд ба таври мушаххас дар шакли расм роҳҳои ташаккул, самти рушд ва ғ. коркард мегардид.

5) Дар ягон зербоби боби сеюм вобаста ба тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои ККСМК таҳлилхо оварда мешуданд, сифати диссертатсия боз ҳам хубтар мегардид.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо паст намекунанд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.** Диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ, ки дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия Намозализода Шафқат Намозалӣ сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратмаҷлиси №3 аз 27 марти соли 2024). Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: Тарафдор 10-нафар, Зид – нест, Бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа,** директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, д.и.и., профессор, академики АИКТ Пиризода Ҷ.С.

**Ташхисгар:**
Мудири шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар КАС-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, н.и.и. Файзуллаева К.Н.

**Котиб,** ходими пешбари илмии шуъбаи
омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар
комплекси агросаноатӣ Ҷобиров Ш.А.

**Имзоҳои Пиризода Ҷ.С., Файзуллаева Қ.Н. ва Ҷобиров Ш.А.-ро тасдиқ мекунамоям.**

Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди
кишоварзии АИКТ Икромова М.Қ.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, 734049, кӯчаи Ҳаёти нав 306,
**Тел:** (+992-37) 236-92-01;
**Факс:** (+992-37) 236-92-01;
**Почтаи электронӣ**: iesh.tashn@mail.ru